Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон
(734067, ш.Душанбе, к. Нахимов 64/14)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бобошерзода Нозанин Қаракул дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Таҷриба нишон медиҳад, ки рушди истеҳсолот дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷустуҷӯ ва истифодаи шаклҳои нави самараноки фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидориро тақозо мекунад. Яке аз усулҳои маъмултарини ҳалли масъалаи рушди минбаъдаи шаклҳои ташкилӣ, ҳамгироии истеҳсолкунандагон мебошад, ки имкон медиҳад тамоми давраи такрористеҳсолкунӣ ба як раванди ягона, аз истеҳсоли ашёи хом то баровардани маҳсулоти тайёри барои истеъмоли ниҳоӣ пешбинишуда, муттаҳид карда шавад.

Айни замон дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ яке аз афзалиятҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Бештари вазифаҳо оид ба беҳтар намудани ҷолибияти кишоварзон дар минтақаи Хатлон дар Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 пешбинӣ шудааст. Барномаҳои миёнамуҳлати рушди соҳаи агросаноатии кишвар қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

Вобаста ба навгонии илмии таҳқиқот дар асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва пешниҳоди амалӣ оиди такмилдиҳии онҳо дар сатҳи минтақа зоҳир мегардад.

Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақа хусусиятҳои ташаккул ва рушди он ҳамчун раванди наздикшавӣ ва мутобиқсозии мутақобилаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидории истеҳсолоти агросаноатии минтақаи мушаххас (минтақа, вилоят, давлат) ба низом дароварда шуда, муайян карда шудааст, ки сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ

дарбаргирандаи маҷмӯи принсипҳо (узвияти ихтиёрӣ, мустақилияти иқтисодии корхонаҳо, манфиати иқтисодии истеҳсолкунандагони мол, тақсимоти мутавозини натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи сатҳи минтақавӣ) мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки барои баланд бардоштани сифати автореферати диссертатсия як чанд таклифу пешниҳодҳо ҳали худро металабанд.

1. Хуб мешуд агар муаллиф бештар роҳҳои бартараф намудани камбудиҳоро дар самти мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросанотӣ пешниҳод мекард.
2. Дар матни автореферат аҳёнан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ба сифати кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Тавсияҳо дар автореферат гуфташуда характери тавсиявӣ доранд ва онҳо наметавонанд аҳамияти илмии таҳқиқотро ихтисор намоянд.

Ҳамин тавр, қайд кардан ба маврид аст, ки мазмуну муҳтавои автореферат пурра ба матни диссертатсия мувофиқат менамояд, мақолаҳои муаллиф ба мазмуни автореферат мувофиқанд ва диссертстияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ тавсия дода мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”,**
**д.и.и., дотсент** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., дотсент Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru